**Суратмаҷлиси №42**

**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-048-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «27» декабри соли 2025 ш.Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсия 4 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 27- уми декабри соли 2025, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ, Ҳасанов Ш.Р.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA-048, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024 таҳти №135/шд тасдиқ гардидааст, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори

чунин пешниҳод аст? Тарафдорон- 14 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи ошкорои рисолаи илмии Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи «Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ).

Диссертатсия дар кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаби дарёфти дараваи илмӣ: Одинаев Раим Назарович -** доктори илмҳои физикаю математика, директори Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Назаров Аҳтам Пулотович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**2. Назарзода Рустам Саидмурод** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сатторов А.Э. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.

2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои педагогӣ Ҳасанов Ш.Р. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.

3. **Унвонҷӯ:** Ғафоров Зафар Бобобекович мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Комилӣ А.Ш., Раҷабов Т.Б., Сафаров Ҷ., Ҳасанов Ш.Р., ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ **Одинаев Раим Назарович -** доктори илмҳои физикаю математика, директори Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шунида шуд.

**Тақризи муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Ғафоров З.Б.бо имзои раиси ҷаласа Сафаров Сайтоҷиддин Саидкамолович – н.и.п., мудири кафедраи умумидонишгоҳии информатика ва технологияи инноватсионии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, эксперт, Фурқати Сикандари Қаландар - н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи таъминоти барномавӣ ва web дизайн ва котиби ҷаласа Муродализода Раҳмоналӣ Муродалӣ - н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи методикаи таълими информатика омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ н.и.п., дотсент Сафарзода М.В. аз 18-уми ноябри соли 2025 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, навгонии илмии диссертатсия, этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи «Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён» ба

талаботи Тартиби додани дарачаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ), сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Назаров Аҳтам Пулотович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. **Назарзода Рустам Саидмурод** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Ғафоров З.Б. ворид шудаанд:

1. Азизов А.А. – д.и.п., профессори кафедраи технология ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Тақриз мусбат аст.

2. Наҷмиддиниён А.М. – д.и.ф.-м., дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Шарипов Б.Р. – н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи технологияи барномавӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

4. Умаров А.Н. – н.и.тех., дотсент, мудири кафедраи информатика ва технологияи рақамии Донишгоҳи давлатии Данғара. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

Ҳамаи тақризҳои воридшуда мусбат буда, баъзе пешниҳодҳо, ки дар ин тақризҳо қайд шудаанд хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Ғафоров З.Б. пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Ғафоров З.Б. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: профессор Раҷабов Т.Б., дотсентон Ойматова Ҳ.Х. ва Абдураҳимов А.О. интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 14 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм-мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 14 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) **тақризи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба

инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295),

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Бромад ва муҳокимаи диссертатсияи Ғафоров Зафар Бобобекович дар мавзуи «Таҳқиқи самаранокии усулҳои таълими мушкилгарои фанни информатика дар мактаби олӣ: арзёбии таъсири он ба ҳавасмандӣ ва пешрафти академии донишҷӯён», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Назаров Аҳтам Пулотович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Назарзода Рустам Саидмурод** - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии компютерии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Ғафоров Зафар Бобобекович дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011101 – Назария ва методикаи таълими информатика (6D011101.02 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ) ба Ғафоров Зафар Бобобековичро дастгирӣ намуда, барои ба Ғафоров Зафар Бобобекович додани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 14 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҳасанов Ш.Р.**
"_27_"___12___ 2025

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.
ҶМ